# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи "Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи "Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ" ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот аз ҷумла, бандҳои 3, 4, 5 мувофиқат мекунад.

**Муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи** Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар он ифода мегардад, ки замони нав боисрор масъалаи тағйир додани муносибат ба таълимро тақозо мекунад ва инро таҳлили ҳаматарафаи ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодиву сиёсии инкишофи ҷомеаи башарӣ собит месозад. Дар шароити имруза тағйир додани механизимҳои таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, дар раванди таълим истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки аз як тараф тавассути истифодаи роҳу шеваҳои пешрафтаи таълим салоҳияти касбии омӯзгоронро рушди диҳад аз ҷониби дигар барои баланд шудани некуаҳолии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат намояд. Масъалаи тағйир додани муносибат ба таълим, махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ рушд додани салоҳиятнокӣ аҳаммияти махсусро касб кардааст. Зеро мундариҷа ва фаъолияти таълими анъанавӣ ба гузашта равона карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ба ҳаёти воқеии инсон он ахборот, қоидаҳо ва маълумоте, ки ҳангоми таълим гирифта мешаванд, на он қадар алоқаи зич доранд. Бар замми ин намунаву таҷрибаҳо ва фикрҳои пешкашшаванда порчаҳои алоҳидаи замонро ифода менамояд. Чунин муносибат сабабгори он мешавад,

дар чаҳорчӯбаи замон мавқеи худ аз тарафи хонанда муайян карда намешавад, дар натиҷа мавқеи таълим дар дараҷаи паст қарор мегирад. Дар натиҷа дар хонандагон дараҷаи ҳавасмандӣ ба таҳсилот паст мегардад. Хонандагон намедонанд, ки дониши гирифтаашонро чӣ тавр истифода кунанд. Бештари таҷрибаҳо, намунаҳо тасаввурӣ буда, ба хонанда барои таҳлил ва баррасӣ намудани масъалаҳо имконияти зарурӣ пешниҳод карда наметавонанд, чунки ҳодисаҳову рафторҳо, қоида ва қонунҳо ба ҳаёт ва замони муосир ба дараҷаи зарурӣ мувофиқат намекунад.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки раванди таълим бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ хусусияти таҳқиқотиву ба амалия нигаронидашударо мегирад ё ба ибораи дигар гӯем, имрӯзҳо ба объекти омӯзиш табдил ёфтааст. Бинобар ин, муносибати салоҳиятнокӣ муносибате мебошад, ки ба татбиқ намудани хусусияти амалӣ равона шуда, раванди таълим ба натиҷаҳои амалӣ нигаронида мешавад.

Ҳамин равиш дар раванди тарбияи фарҳанги мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ низ нақши шоиста дорад, ки унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар диссертатсияи худ ин масъаларо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, тавассути озмоиш самарабахшии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ санҷида, ба хулосаҳои назаррасӣ илмӣ даст ёфта тавонистааст.

Зеро татбиқи амалии қонунҳо ва меъёру талаботи асосии ташаккули салоҳият, аз ҷумла тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба инкишофи қобилияти зеҳнӣ-мусиқидонии наврасон таъсири назаррас дошта, дар навбати худ ба ташаккул ва таҳаввули мусиқишиносӣ ва фарҳангдӯстӣ нақши появиро касб мекунад. Яъне ин навъи фаъолият ҳар чи қадар муттасил ва гуногунҷабҳа истифода шавад, малакаву маҳорат ва қобилиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳамон андоза рушд меёбанд. Маҳз аз ҳамин хотир, истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ барои расидан ба мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ амри зарурӣ маҳсуб меёбанд. Барои амалашавии ин мақсад, пеш аз ҳама, аз омӯзгор маърифати баланди касбӣ ва зарфияту истифодаи мақсадноки

маҳорату малакаи хубӣ салоҳиятнокиро тақозо мекунад. Зеро ҳангоми муқоисаи таълими анъанавӣ бо таълими салоҳиятнокӣ диққатӣ асосӣ ба дараҷаи ташаккули малака нигаронида мешавад, чунки дар салоҳиятнокӣ метод, тарзи муносибат ва инчунин воситаҳои арзёбӣ нисбати таълими анъанавӣ мураккабтар буда, бояд омӯзгор дорои маҳорат ва малакаи хуби банақшагириӣро дархуд дошта бошад. Дар таълими салоҳиятнокӣ арзёбӣ намудани натиҷаҳои таълим бо мақсади муайян намудани дониш, маҳо́рат ва малакаи заминавии хонанда, муайян намудани раванди азхуд намудани малакаву маҳоратҳои нав, муайян намудани дараҷаи ниҳоии натиҷаҳои таълим вазифаи асосӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистони азиз дар меҳвари сиёсати маорифпарварона ва фарҳангбунёдонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи асосӣ бунёди кишвари озоду обод, ҳаёти фаровон дар заминаи маънавиёти миллӣ мебошад, ки дар рушди ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи бузург таваҷҷуҳи асосӣ ба воя расонидани насли наврас ба камолоти ҳамаҷониба, аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ солим, мутахассиси соҳибтахассус равона карда шудааст, ки ифодакунандаи зарурияти таҳқиқи масъалаҳои мухталифи рушди таълиму тадриси муосир, аз ҷумла муҳимму мубрам будани масъалаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ ва нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар рушди он мебошад.

Кори диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ таълиф шудааст, пеш аз ҳама, дар меҳвари худ татбиқу амалашавии ин мақсадҳоро аз як ҷониб фароҳам меорад ва аз ҷониби дигар роҳу усулҳои нави ташаккул ва таҳаввули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоиро тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ таҳқиқу баррасӣ намуда, хусусуятҳои педагогии онро тавассути равишҳои пешрафтаи таълим арзёбӣ мекунад.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки "Таҳия ва татбиқи воситаву усулҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, иқдоми муҳим дар ҳалли масъалаи татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълими насли наврас ва ба зиндагии шоистаи оянда омода сохтани онҳо маҳсуб меёбад.".

Муаллифи диссертатсия бо ин мақсад тавонистааст, ки тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол дар дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ошкор ва муайян намояд.

Ҳамчунин нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни баргузории дарсҳои суруд ва мусиқӣ таҳлили амалӣ намуда, бо роҳи мураттаб сохтани маҷмуи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва озмоиши самаранокии онҳо бо мақсади рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ барои рушди он тавсияҳои судманд манзур доштааст. Таҳқиқ ва таҳлили ин воситаҳо ва шеваю равишҳои таълими пешрафта масъалаи мубраму муҳим маҳсуб гардида, таҳқиқи усулҳои муосир ва тадқиқи роҳҳои муассири ин мавзуъ амри зарурӣ ва иҳтиёҷ ба ковишҳои илмӣ гаштааст. Яъне ин ва дигар омилҳо мубрамияти мавзуи таҳқиқоти кори диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевичро муайян кардааст.

Дар ин замина муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки "барои ноил шудан ба тағйироти мусбати педагогӣ дар таълим ва омӯзиш тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бояд барномаи ҳамгирошуда эҷод карда шавад. Он бояд хусусияти таълимӣ ва тарбиявӣ дошта бошад, инчунин ба ташаккул ва рушди фаъоли раванди бозии мусиқӣ-дидактикӣ мусоидат кунад. Ин барнома бояд ба рушди хоҳиши худшиносӣ, ташаккули малакаи дарки огоҳонаи асарҳои гуногуни санъат, тарбияи фарҳанги баланди маънавӣ дар он равона карда шавад".

- Бар асоси таҳлилу таҳқиқи нуктаҳои меҳварии рисола диссертант ба хулосаи саҳеҳи илмӣ расидааст, ки бояд омӯзгор чунин шароити таълимиро

таъмин намояд, ки ба рушди фаъолияти мусиқӣ ва бозии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат намояд. Муҳим аст, ки на танҳо барномаи муқарраршуда ё супоришҳои додашударо риоя кунад, балки вазъиятҳоеро эҷод кунад, ки дар онҳо наврас тавонад ташаббуси худро нишон диҳад ва тарзи иҷрои вазифа ё хусусияти амали худро мустақилона интихоб кунад.

Бо назардошти андешаҳои муҳаққиқи рисола фаъол намудани бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ характери мушкилоти таълимӣ дошта, муносибати навро ба пурра намудани дарсҳои суруд ва мусиқӣ талаб менамояд. Сохтори дарс имкон медиҳад, ки ба раванди он бозии мусиқӣ-дидактикӣ ба таври органикӣ дохил карда шавад, зеро он яке аз воситаҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар ин раванд шаклу навъҳои гуногуни бозӣ, аз ҷумла: бозиҳои рушд, бозиҳои таълимӣ, онҳое, ки ба таҳкими қобилият, ташакули маҳорат ва малакаҳои муайян истифода бурда мешаванд, инчунин бозиҳои нақшӣ ва эҷодӣ ба рушди салоҳиятҳои хонандагон ҳаматарафа кӯмак мерасонанд. Маҳз ин бозиҳо хонандаи хурдсолро ба раванди фаъоли эҷодкорӣ ва дарки мусиқӣ фаро гирифта, имкон медиҳанд, ки дар онҳо равандҳои психологии эҳсосот, диққат, хотира ва зеҳн фаъол гардад. Кӯдак ҳангоми бозӣ он фаъолиятҳоро, ки дар амал дарк карда, омӯхта метавонад, эҳсос мекунанд, ҳама чизро табиатан омӯхта, ҳам моҳият ва ҳам истилоҳотро дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ азхуд мекунад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло зикршуда аз они шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич, яъне “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” дар шароити кунунӣ ниҳоят муҳим ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ буда, он ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки дар ҳақиқат диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич аз арзиши илмиву аҳаммияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳимми хусусиятҳои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва истифодаи шеваю равишҳои гуногуни он дар ҷараёни маш-

ғулиятҳои суруд ва мусиқӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Дар баробари ин, унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили муаммо ва ихтилофоти муҳиммеро вобаста ба мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, зимни баррасӣ ва мутолиаи адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидиктикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ, ҳамчунин муайян кардани муҳтавои педагогӣ, моҳият ва мавқеи нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва гузаронидани озмоишҳои педагогиро амиқ таҳлилу таҳқиқ намуда, ба **навгониҳои илмии** зерин муваффақ гардидааст. Аз ҷумла, муаллифи диссертатсия хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ошкор ва муайян намуда, нақши бозиҳоро дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар машғулиятҳо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст.

Инчунин рисоланавис маҷмуи бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро омодаву пешниҳод кардааст, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ рушди салоҳиятҳои асосӣ ва мусиқии хонандагонро самаранок хоҳад кард.

Илова бар ин оид ба роҳу восита ва технологияҳои истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, ки самаранокии онҳо тариқи озмоиш санҷида шудаанд, бо замимаи тавсияҳои методӣ ва натиҷаву хулосабарориҳо дар охири кор манзур карда шудаанд.

**Тозагии масъала ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда:** Дар ин замина унвонҷӯ дар натиҷаи баррасӣ ва таҳқиқи паҳлуҳои назарӣ ва амалии таҳқиқот чанд нуктаҳои ҷолиб ва асосиро ҳамчун нуктаҳои тозатаҳқиқшуда ба ҳимоя пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, масъалаи нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ яке воситаҳои таълимии муҳим дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ, шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол

тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар машғулиятҳо, махсусан дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ; истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар чараёни дарсҳо бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; ба чараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ ворид наму-дани маҷмуи бозиҳои гуногуни мусиқӣ-дидактикӣ ба манзури ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ғайра аз қабили нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда мебошанд.

Дар ин замина, метавон тасдиқ намуд, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро мубраму саривақтӣ ва дархӯри ниёзҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар арзёбӣ кунем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва озмоишҳои баргузор-намудаи Боев Шаҳобиддин, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаашро дар амал тасдиқ намудааст.

Яъне навгониҳои илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо собит месозанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда;**

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқӣ-илмии тадқиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни тадқиқот ба даст омадаанд.

Яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола масъалаи мавриди таҳқиқро ҳам аз дидгоҳи олимону пажуҳишгарони варзидаи ватанӣ ва ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ҳаматарафа омӯхта, онро дар асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва ҳуҷҷатҳои муҳимми директивии Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавзуи баҳси онҳо соҳаи маориф ва масоили аз ҷониби диссертант таҳқиқшавандаи педагогика ташкил

медиҳанд таҳлил ва баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳоди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кардааст. Барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимон, мутафаккирон, муаррихон ва адабиётшиносони маъруфи гузаштаву муосири тоҷик, хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро далел оварадааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит сохтаанд.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ҷаласаҳои кафедраи " Назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ"-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дар иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар пойгоҳи онҳо гузаронида шуданд, муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ – байналмилалӣ, конференсия ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд ва дар амалияи фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ татбиқ карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии ва амалии таҳқиқотро** метавон мухтасаран бо чанд нукта баён дошт. Аз ҷумла, дар кори диссертатсионии Боев Шаҳобиддин вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо дарназардошти муқаррароти назариявии бунёдии илм ва таҷрибаи педагогӣ илман асоснок карда шудааст.

Заминаҳои назариявии таҳқиқот аз асосноккунии равишҳои илмии таҳқиқи масоили истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол иборат буда, натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки талаботи муносибати босалоҳият ба таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронидашуда, амалӣ

карда шаванд. Муносибат ва равишҳои педагогӣ асоснок ва истифода карда шуданд, ки онҳо бо мақсади рушди маҳорату малакаҳои мусиқии бачагони хурдсол таҳия шуда, ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва, аз ҳама асосӣ, ба рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ нигаронида шудаанд.

Дар баробари ин дар кори диссертатсионӣ **аҳаммияти зиёди амалӣ низ** нуҳуфтааст. Пеш аз ҳама, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба такмили раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар самти ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мусоидат менамоянд.

Баъдан, таҳия ва татбиқи воситаву усулҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ, иқдоми муҳим дар ҳалли масъалаи татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълими насли наврас ва ба зиндагии шоистаи оянда омода сохтани онҳо маҳсуб ёфта, тавсияҳои илмӣ-методии таҳия ва манзуршуда, ба таври самаранок ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон хидмат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофнамуда ва боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, таҳия ва ба тартиб дароварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки қаблан зикр гардиданд, диссертатсия ва автореферат аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки

ёдрас намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Масалан:

1. Дар боби аввали рисола чун сухан дар бораи назарияи мусиқӣ меравад, лозим буд, ки диссертант оид ба назарияи мусиқӣ, махсусан назарияи марбут ба хонандагони давраи ибтидоӣ муфассал баҳс менамуд. Зеро дар ин мавзуъ дар китобҳои мусиқишинос ва оҳангсози бузурги тоҷик Ҷурабой Охунов андешаҳои ҷолиб ва таснифоти илман асоснокшуда муфассал оварда шудаанд. Ҳарчанд диссертант аз баъзе маҷмуаҳои Ҷ.Охунов истифода намудааст, вале китоби «Назарияи ибтидоии мусиқӣ» (Ҷуробой Охунов. Назарияи ибтидоии мусиқӣ. - Душанбе: Ирфон,2016. -247с.) аз назар берун мондааст. Ҳамчунин китобҳои “Мусиқӣ барои синфҳои 1234”-и Акрамов С., Хижняк, Ю. Мирзоахмедов ва дигарон.

2. Диссертантро лозим буд, ки перомуни мактаби ҳунарии устоду шогирд, махсусан дар макотиби миёнаи умумӣ зерфасли алоҳидаеро ҷудо намуда, дар меҳвари он роҷеъ ба хусусиятҳо ва шеваю равишҳои маъмули мактабдории даврони ибтидоӣ мавзуи баҳсро оғоз менамуд.

3. Ҳамчунин дар бахши корҳои озмоишӣ хуб мебуд, диссертант таъсири сурудҳои классикии суннатӣ ва пазироии оҳангу сурудҳои халқиву бастакорони ватаниро низ дар машғулиятҳо аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ маълум мекард.

4. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия баъзе нуқсонҳои техникӣ ва хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасанд, ки гумон дорам ислоҳи онҳо ҳусни корро боз бештар мегардонад. Аз ҷумла, нопурра гузаштани беъзе ҷадвалҳо ва монанди инҳо.

Дар маҷмуъ, камбудҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд, диссертатсия унвонҷӯ кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқӣ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

1.Диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро шудааст.

2.Унвонҷӯй ба ҳадафҳои дар тадҳиқот пешгузоштааш ноил шуда, вазифаҳои илмиро хуб ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи тадқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3.Диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи "Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ", **ки** барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Рустамов Дадо Абдуҷаборович**

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих, маданият ва методикаи таълими мусиқии ба номи профессор Ҳакимов Н.Ғ.

**Маълумот барои тамос:** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, 735700. ш.Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. Тел.: +(992)92-742-55-54
Email:dado5554@mail.ru

20.03.2025

"Имзои Д.А. Рустамовро тасдиқ мекунам"

*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"* *Сайдуллозода З.С.*